# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссерсионии 6D.KOA-022 назди
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Парвандаи аттестатсионӣ № _______
Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 08.04.2021, № 28

Дар бораи сазовор донистани Шамшоди Ҷамшед, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология.

Диссертатсияи Шамшоди Ҷамшед дар мавзӯи **«Аз таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии асар)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология 24-уми декабри соли 2020 аз ҷониби шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ба ҳимоя қабул шудааст.

Шамшоди Ҷамшед 14-уми ноябри соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2015 факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгохи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро аз руйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, дар шуъбаи магистратура таҳсил намудааст. Баъди хатми магистратура, соли 2017 таҳсилро дар зинаи докторантура (PhD) идома дода, соли 2020 онро хатм намудааст. Ӯ айни замон ба ҳайси муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи ҳамин донишгоҳ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Кучарзода Аламхон** – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ;
2. **Олимӣ Хосият Ҳоким** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Ш.А. имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ғаффорӣ Н.У. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия кори мукаммали илмӣ мебошад. Дар тақриз қайд карда мешавад, ки диссертатсия дар маҷмӯъ бо мазмуну муҳтаво, масъалагузорӣ, муҳокимарониҳо ва хулосабарориҳои амиқу дақиқ таҳқиқоти пурра анҷомёфта буда, аз меҳнати бурдборонаи унвонҷӯ дарак медиҳад. Фишурдаи рисола ва маводҳои чопии муаллиф ва гузоришҳои илмии ӯ мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Диссертатсияи Шамшоди Ҷамшед дар мавзӯи «Аз таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии асар)» бар асоси меъёрҳо ва талаботи корҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯи мавзӯи диссертатсия:**

[1-М].Ҷамшед, Ш. Назаре ба матнҳои чопии қисми аввали «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн] / Шамшоди Ҷ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – №4/6. – С. 235-239.

[2-М].Ҷамшед, Ш. Аз таърихи матнҳои чопии қисми дуюми «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн] / Шамшоди Ҷ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2018. – №1. – С. 226-232.

[3-М].Ҷамшед, Ш. Такмили сохторӣ ва бандубасти «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ [Матн] / Шамшоди Ҷ. // Ахбори ДДҲБСТ (Силсилаи илмҳои гуманитарӣ). – Хуҷанд: Дабир, 2020. – №1(82). – С. 44-56.

[4-М].Ҷамшед, Ш. Тағйироти порчаҳои шеърӣ дар таҳрири «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн] / Шамшоди Ҷ. // Номаи донишгоҳ (ДДХ ба номи академик Б.

Ғафуров). (Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – №2 (63). – С. 124-132.

[5-М].Ҷамшед, Ш. Масъалаҳои матншиносии насри С. Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии қисми чоруми «Ёддоштҳо» [Матн] / Шамшоди Ҷ. // Маводи конференсияи байналмилалии «Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ» бахшида ба 140-солагии Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, 12-13 апрели 2018). – Душанбе: Сино, 2018. – С. 322-332.

[6-М].Ҷамшед, Ш. Тасвири симоҳои адабӣ дар таҳрири «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / Шамшоди Ҷ. // Маҷмӯаи мақолот. Маводи ҳамоиши илмии байналмилалии «Устод Садриддин Айнӣ поягузори адабиёти реалистии халқҳои Осиёи Марказӣ» бахшида ба 140-солагии устод Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, 16-17 апрели соли 2018). – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2018. – С. 184-192.

[7-М].Ҷамшед, Ш. Назаре ба тадқиқи матншиносии осори Садриддин Айнӣ [Матн] / Шамшоди Ҷ. // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Масъалаҳои мубрами тарҷума ва забоншиносӣ дар замони муосир» (ш. Душанбе, 26 октябри соли 2018). – Душанбе: Матбааи ДСРТ, 2018. – С. 332-335.

[8-М].Ҷамшед, Ш. Баъзе масъалаҳои забон дар таҳрири «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (дар мисоли қисми дуюми асар) [Матн] / Шамшоди Ҷ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Масъалаҳои актуалии филологӣ ва забоншиносӣ» (ш. Душанбе, 18-19 октябри соли 2019). – Душанбе: Матбааи ДСРТ, 2019. – С. 590-593.

[9-М].Ҷамшед, Ш. Чанд мулоҳиза оид ба матнҳои чопии «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (дар асоси қисми сеюми асар) [Матн] / Шамшоди Ҷ. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳои мундариҷа ва ғоя дар адабиёти даврони истиқлол» (ш. Кӯлоб, 2 декабри соли 2017). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – С. 95-103.

[10-М].Ҷамшед, Ш. Баъзе масъалаҳои забон дар таҳрири қисми дуюми «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн] / Шамшоди Ҷ. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни ДДК ба номи А. Рӯдакӣ оид ба ҷамъбасти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2018 (ш. Кӯлоб, 27-28 апрели соли 2019). – Душанбе: Промекспо, 2019. – С. 112-116.

[11-М].Кӯчарзода, А., Ҷамшед, Ш. Матни куллиётии «Ёддоштҳо» ва зарурати чопи илмии он [Матн] / А. Кӯчарзода, Шамшоди Ҷ. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни ДДК ба номи А. Рӯдакӣ оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2019 (ш. Кӯлоб, 23-25 апрели соли 2020). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 68-70.

[12-М].Кӯчарзода, А., Ҷамшед, Ш. Тағйиру такмили услуби нигориши «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн] / А. Кӯчарзода, Шамшоди Ҷ. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои

мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» (ш. Кӯлоб, 26 ноябри соли 2020). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 74-80.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Тағоймуродов Р.Ҳ. мусбат буда, ҳамчунин эродҳои зерин манзур шудаанд: 1. Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёди дар таҳқиқот ба зуҳур расида, ки қаблан ишора гардид, дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ ва харобии мантиқии ҷумлаҳо ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо ба сифати кор меафзояд. 2. Дар автореферат роҷеъ ба корҳои дар заминаи назария ва амалияи матншиносӣ анҷомдодаи бархе адабпажӯҳони кишварҳои ҳамзабон, бахусус Эрону Афғонистон, ки моҳиятан хеле судмананд, ишорае нарафтааст.

Дар тақризи дигар, аз номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттии Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ Алӣ Муҳаммадиев мебошад, диссертатсияи Шамшоди Ҷамшед кори анҷомёфта ва муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси филология дониста шуда, дар матни автореферат баъзан роҳ ёфтани ғалатҳои имлоиву техникӣ таъкид гардидааст.

Дар тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Сайҷафаров О.Ш. чунин эродҳо зикр ёфтааст: 1. Дар фишурдаи рисола баъзан қавсайни нимдаврӣ бо қавсайни квадратӣ омезиш ёфтааст. Муаллиф дар ҷо-ҷойи фишурда номгӯйи осор ва шумораҳои онҳоро дар дохили қавсайни нимдаврӣ овардааст, ки мебоист онҳоро дар қавсайни квадратӣ меовард; 2. Дар поварақ, он ҷо ки муаллиф соли нашри осори истифодашударо оварда, гоҳ қабл аз нишон додани сол аломати тире ва гоҳ вергулро овардааст. Агар вай яке аз ин ду аломатро меовард, беҳтар мешуд. Фикр мекунам, дар ин маврид аломати тире афзалтар аст; 3. Мисолҳои шеърӣ дар фишурда дар қисмати канораи чап ҷойгузин шудаанд, ки муаллиф мебояст онҳоро дар миёни саҳифаҳо ҷой медод. Ин ҳолат агарчи марбут бар хато нест, то ҷое мӯҷиби ихлоли зинати кор мегардад.

Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Аъзамов С.Б. низ мусбӣ арзёбӣ гардида, эродҳои зерин зикр гардидааст: Дар саҳифаи 8-уми автореферат мафҳумҳое аз қабили "иродаи эҷодии нависанда", "охирин иродаи эҷодии нависанда"

зикр шуда ва дар чанд саҳифаи дигар бидуни шарҳ такрор шудаанд. Бисёр хуб мебуд ба шарҳу тафсири ин мафҳумҳо таваҷҷуҳ шавад. 2. Дар автореферати диссертатсия аз нашрҳои "Ёддоштҳо" дар замони зиндагии муаллиф ва интишори ин асар дар қолаби "Куллиёт"-и устод Айнӣ сухан рафтааст. Шояд комил мебуд дар мавриди нашрҳои минбаъдаи "Ёддоштҳо" низ иттилоот фароҳам оварда шавад. Хоса дар ягон ҷои автореферат аз нашри эронии "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ дар Эрон бо кушиши Саидии Сирҷонӣ сухан нарафтааст.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявии амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор донитаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад**, ки Шамшоди Ҷамшед тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назарияҳои маъмул ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии расмшуда дар мисоли матнҳои чопии "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ ба таҳлилу таҳқиқи нақди матн пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро ба анҷом расонидааст. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар асоси матнҳои чопии "Ёддоштҳо" (матнҳои маҷаллавӣ ва китобии асар, ҷилдҳои 6-ум ва 7-уми Куллиёти 15 – ҷилдаи нависанда) сурат гирифта, бори аввал аз лиҳози матншиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик **коркард карда шудааст.**

Масъалаи матншиносии осори бадеӣ дар адабиётшиносии тоҷик мавқеи махсус дошта, омӯзишу баррасии он барои муайян кардани иродаи эҷодии нависандагон имкон фароҳам меорад. Яке аз асарҳои устод С. Айнӣ "Ёддоштҳо" мебошад, ки таърихи эҷоди он бори аввал мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар ин замина таҳқиқу баррасии масъалаҳои нақди матни осори С. Айнӣ, таҳриру такмили сохторӣ ва мундариҷавӣ, тағйироти порчаҳои шеърӣ, тағйиру такмили забон ва услуби «Ёддоштҳо» ва бо дарназардошти таъҳқиқу таъйини таъсири манфии як қатор саҳву ғалатҳое, ки бо даҳолати муҳаррирон, нусхабардорон, ҳуруфчинон, мусаҳҳеҳон ҳангоми чопҳои гуногун сар задаанд, масъалагузории зарурати чопи илмии асар чун нуктаҳои асосии ҳимояшаванда **пешниҳод шудаанд**.

Диссертант дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс қарордодааш **муайян намудааст**, ки Садриддин Айнӣ дар баробари заҳмоти таълифи асарҳои бадеиву илмӣ, ҷиҳати беғалат ва росту дуруст ба чоп расонидани онҳо низ ҷиддан диққат медод. Чунин таваҷҷуҳ, пеш аз ҳама, аз таҷриба ва маҳорати устод дар нақди матн

дарак медиҳад. Фаъолияти устод С. Айнӣ дар хусуси таҳия ва ба табъ расонидани асарҳои бадеӣ ҳанӯз пеш аз инқилоби Октябр сурат гирифта, минбаъд инкишоф ёфтааст.

Бо овардани далелҳои муътамад ва зикри мисолҳои фаровон **исбот шудааст, ки** тадқиқи матншиносии осори устод С. Айнӣ аз ҷониби муҳаққиқон саривақтӣ буда, фазои имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ин ҷиҳат имкони мусоид дорад. Омӯзиши «Ёддоштҳо» аз лиҳози матншиносӣ идомаи ҳадафҳои арзишманде мебошад, ки устод аз ин пеш тадқиқот бурда, ба майдони илму адаб пешкаш кардаанд.

Дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст таҳқиқи матншиносии "Ёддштҳо"-и Сайдриддин Айнӣ ба таври монографӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи комил **қарор гирифтааст.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ ба он асоснок шудааст, ки** хулосаҳои он дар омӯзиши нақди матни адабиёти муосири тоҷик, баррасии нақди матни осори С. Айнӣ ва дигар адибон метавонад мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзӯъ осори илмиву назарии муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ, аз қабили Д.С. Лихачёв, В.В. Томашевский, Е.Э. Бертелс, В.С. Бородин, С.И. Тимина, Е. Прохоров, А.Л. Опулская, С. Табаров, Абдулҳусайни Зарринкӯб, К. Айнӣ, Х. Отахонова, А. Афсаҳзод, А. Сатторзода, А. Кӯчарзода, А. Маҳмадаминов, А. Насриддин ва дигарон дар ҳалли бисёр масоили назарӣ **омӯхта шудаанд.**

Дар диссертатсия аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ ва равиши адабӣ-сохтории омӯзиши таърихи матни асари бадеӣ **истифода бурда шудааст.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мазмуну мундариҷаи он метавонад дар мавриди таълим ба донишҷӯёни мактабҳои олӣ, мураттабсозии дастуру китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ доир ба матншиносии адабиёти тоҷик, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, омода кардани курси лексияҳо аз матншиносии адабиёти муосири тоҷик, курс ва семинарҳои тахассусӣдар мактабҳои олӣ, таълифи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ истифода шавад. Дар баробари ин, Натиҷаҳои диссертатсия метавонад дар таҳқиқи минбаъдаи осори насрӣ ва диди эстетикиву маҳорати нигорандагӣ, инчунин сабки фардии нависанда ёрии амалӣ расонад.

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла .С. Лихачев, Б.В. Томашевский, С.И. Тимина, А.А. Шахматов, Е.Э. Прохоров, В.В. Виноградов, Х. Отахонова, А.

Насриддин, С. Табаров, К. Айнӣ, А. Кӯчарзода, А. Маҳмадаминов ва дигарон **асоснок карда шудааст.**

Дар ҷараёни омӯзиш ватаҳлилу таҳқиқ таърихи эҷоди «Ёддоштҳо» дар асоси матнҳои чопии асар омӯхта шуда, ташаккул ва такомули матни асар аз ҷиҳати шакл ва мазмун ва дар ин баробар ҳунари муҳарририи устод Айнӣ **муайян шудаанд.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ муддати 6 сол дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ ба ҷамъоварии илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ва навиштани кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ суханронӣ кардааст.

Диссертант муаллифи 13 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 4 мақолаи марбут ба кор дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-22 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2021 дар бораи ба Шамшоди Ҷамшед додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 17 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 7 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ 17 нафар иштирок намуд. Аз 21 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 17 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.

08 апрели соли 2021